**Тақризи**

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар мавзуи «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ. – Данғара, 2023. – 180 с.**

Дар давраҳои гуногуни таърихи адабиёти тоҷик чеҳраҳои илмию адабӣ ва фарҳангиеро метавон ном бурд, ки тавассути хидматгузорӣ ва маҳсули қалами худ ба ташаккулёбию таҳаввули забону адабиёту фарҳанги миллӣ мусоидат намудаанд. Аз ҷониби дигар, онҳо бо нерумандӣ, фарҳангсолорӣ ва хизматҳои шоиста рисолати эҷодкор будан ва эҷод намуданро ба таври зарурӣ дарк карда, сабабгори бақо ва ҳастии фарҳанги халқу миллати хеш гардидаанд. Маҳз ҳамин гуна садоқат ба кори эҷодӣ ва ба ин ё он шаклу анвои қобили таваҷҷуҳ манзур намудани бардошту андешаҳояшон аз рӯзгор аст, ки моро ба омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқу пажуҳиши ин масоил водор менамоянд. Таҳқиқи рӯзгору осори чунин чеҳраҳои илмию адабӣ арзиши махсуси илмӣ дорад.

Убайд Раҷаб адиби навпардоз ва яке аз чеҳраҳои адабии намоёни адабиёти давраи нави тоҷик аст, ки дар таҳаввул ва такомули анвои ғиноӣ ва ҳамосии ин давра саҳми назаррас дорад. То кунун муҳаққиқони адабиёти бачагонаи тоҷик асосан ба ашъори ғиноии ин шоири номвар таваҷҷуҳ намуда, ба баррасии анвои дигари эҷодиёти ӯ, махсусан, осори ёддоштии ӯ камтар таваҷҷуҳ намудаанд. Ба таъбири дигар, ин ҷанбаи эҷодиёти Убайд Раҷаб мавриди баррасии бевосита ва мустақим қарор нагирифта буд. Мавзуи таҳқиқии мавриди назар аз зумраи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишиест, ки ба самти адабиётшиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ комилан **мувофиқат менамояд.**

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи номзадии Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар он зоҳир мешавад, ки то кунун оид ба ёддоштҳои Убайд Раҷаб ва таъйини саҳми ӯ дар рушду такомули анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик таҳқиқи диссертатсионии бевосита ва мустақим анҷом наёфта буд. Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи номзадии довталаби дараҷаи илмиро метавон **мубрам** арзёбӣ намуд. Довталаби дараҷаи илмӣ барҳақ қайд намуааст, ки «Ҳарчанд сайри таърихии таҳаввули жанри ёддошт дар пажуҳишҳои мухталифи донишмандони ватаниву хориҷӣ мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифтаанд, аммо дар ин рисола манзури мо муайян кардани мавқеи осори насрии ҷанбаи ёддоштидошта дар эҷодиёти Убайд Раҷаб ба шумор меравад» (диссертатсия, с. 3-4).

Таҳқику баррасии фаъолияти босамар ва гуногунпаҳлуи Убайд Раҷаб аз мадди назарҳо дур намонда, суханшиносону муҳаққиқон ба рӯзгору осори ӯ ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Дар тақвияти андеша метавон аз қайду хотирот, тақризу мақола ва таҳқиқоти Р. Амонов, Ҷ. Бобокалонова, Ф. Ҳусейнзода, Н. Файзуллоев, С. Саидов, Н. Ҳазраткудова, Ғ. Юсуфӣ, А. Шеърдӯст, А. Давронов, К. Насрулло, А.М. Хуросонӣ ва дигарон ёдовар шуд. Идомати ин амалро дар фаъолияти пажуҳишгарии насли нави адабиётшиносон ва унвонҷӯёну аспирантон низ ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Манзури муҳаққиқону донишмандон намудан ва ба ҳимоя пешниҳод гардидани диссертатсияи номзадии Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар мавзуи «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик» андешаҳои фавқро собит менамояд.

Ҳанӯз аз оғози фаъолияти эҷодӣ осор ва ҳунари нигориши Убайд Раҷаб таваҷҷуҳи шоирону нависандагон, адабиётшиносону мунаққидони ватанию хориҷиро ба худ ҷалб карда, хушбахтона, чунин ҳусни таваҷҷуҳ имрӯз ҳам зоҳир мешавад ва паҳлуҳои норавшану таҳқиқнашудаи рӯзгору осори Убайд Раҷаб мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор мегирад. Таваҷҷуҳи Давлатов Умаралиро омӯзишу таҳқиқи мавзуи муҳимму зарурӣ – анъанаи ёддоштнависӣ дар коргоҳи эҷодӣ ва фаъолияти адабии Убайд Раҷаб ба худ ҷалб намуда, довталаби дараҷаи илмӣ бо роҳнамоӣ ва роҳбарии доктори илми филология Нуров Нуралӣ кори илмӣ-таҳқиқии хубе анҷом додааст.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст осори ба шакли ёддошт таълифнамудаи Убайд Раҷаб баррасӣ гардида, ҳамчунин, ба масоили ташаккул ва таҳаввули жанри ёддошт дар адабиёти муосири тоҷик, навгониҳои падидомада дар ин самт, муҳтаво ва забону сабки ёддоштҳо руҷуъ шудааст. Дар рисолаи Умаралӣ Давлатов таҳқиқи ёддоштҳои Убайд Раҷаб аз нигоҳи шаклу мазмун, анъана ва навоварӣ, забону сабки нигориш, коргоҳи эҷодӣ ва мухтассоти бадеӣ ба таври густарда анҷом ёфтааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеоянд. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгун дар таърихи адабиёти давраи нави тоҷик ва

коргоҳи эҷодии адибони дигар ба адабиётшиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони адабиёт ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. **Маводи интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич аз муқаддима, се боб, даҳ фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ дар навбати худ ҳар боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, дар илми адабиётшиносии тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи осори Убайд Раҷаб аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия «Жанри ёддошт ва мавқеи он дар насри муосири тоҷик» унвон дошта, дар он дар такя ба манобеъ ва таҳқиқоти қаблан анҷомёфта таснифи анвои наср дар адабиёти давраи нави тоҷик, мируре ба сайри таърихии жанри ёддошт дар адабиёти форсу тоҷик ва анъанаю навпардозӣ дар ёддоштнависии муосир сурат гирифтааст. Фасли якуми ин боб «Таснифоти анвои наср дар адабиёти навини тоҷикӣ» номгузорӣ гардида, гурӯҳбандии анвои наср дар адабиёти давраи нави тоҷик ва масъалаи муайян намудани вежагиҳои жанрии ёддоштро фаро гирифтааст.

Дар фасли дуюми боби якуми диссертатсия бо номи «Жанри ёддошт ва сайри таҳаввули он дар адабиёти форсу тоҷик» муаллиф заминаҳои ташаккули жанри ёддоштро мушаххас намуда, ба таърифи дурусти ин жанр пардохта, умумият ва тафовути онро аз дигар анвои адабӣ, аз ҷумла сафарнома, зиндагинома ва достон таъйин карда, қайд мекунад, ки «Унсурҳои ёддоштнависӣ дар таркиби осори таърихӣ ё таърихномаҳо, китобҳои шарҳи ҳоли орифон ва монанди ин низ ба мушоҳида мерасанд, зеро аксари таърихномаҳои куҳан дар ҳоле ба қалам омадаанд, ки муаллифони онҳо бевосита дар ҳодисаву воқеаҳо ширкат доштанд, ё аз ҳузури хеш дар бораи воқеот нақл кардаанд» (диссертатсия, саҳ. 39).

Дар фасли сеюми боби якум, ки «Суннатгароӣ ва навпардозӣ дар ёддоштнависии муосири тоҷик» унвон дорад, ёддоштҳо ва ҳунари ёддоштнигории устод Садриддин Айнӣ, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Мирсаид Миршакар ва дигарон баррасӣ гардида, дар ин замина нақшу таъсири чеҳраҳои адабӣ дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб ва ҳунари ёддоштнигории ӯ таҳқиқ шудаанд.

Боби дуюми диссертатсия «Убайд Раҷаб ва идомаи суннатҳои ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик» ном дошта, аз чор фасл фароҳам омадааст. Дар фасли аввал осори ёддоштии адиб аз назари сохтору муҳтаво ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Фасли дуюми ин боб ба таъйини вижагиҳои сабкӣ ва тарзи баёни адиб ихтисос дошта, муаллиф дар ин фасл таҳлилу баррасиҳои қобили таваҷҷуҳ дорад. Ба андешаи муаллиф Убайд Раҷаб дар такя ба забони гуфтугӯйӣ тавонист хусусиятҳои онро дарёбад ва ба он ҳаёти нав бахшад. Илова бар ин, бо таъсирпазирӣ аз эҷодиёти шифоҳии халқ, аз ҷумла зарбулмасалу, ҳаҷву мутоиба ва ғайра забон ва сабки нигориши худро ҷолиб гардонидааст.

Диссертант дар фасли сеюми боби дуюм («Садриддин Айнӣ дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб») ба баррасии хотирот ва ёддоштҳои Убайд Раҷаб дар бораи бунёдгузори адабиёти даврани нави тоҷик – устод Айнӣ пардохтааст. Ба андешаи ӯ нависанда бо тасвири симои устод Айнӣ камолоти маънавии халқро дар гузашта ифода намуда, ҳаводиси таърихиро бо мақсади донистану шинохтани гузашта, баланд бардоштани худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ мавриди тасвир қарор дода, хонандаро ба рӯзгор, осор, корнамоиҳо ва коргоҳи эҷодии устод Айнӣ ошно намуда, як навъ арҷузориҳои Убайд Раҷаб ба шахсият ва осори ин устоди сухан мушоҳида мешавад.

Фасли чоруми боби дуюм «Тасвири шахси воқеӣ дар повести «Марди майдони талош» ном дошта, дар он роҷеъ ба ҳунари нависандагии Убайд Раҷаб дар ҷараёни офариниш чеҳраҳои воқеӣ изҳори назар шудааст. Китоби «Марди майдони талош», зоҳиран, ёдномаест, ки зоҳиран аз далелу

санадҳои таърихӣ фароҳам омада, Олмуҳаммади Раҷабу дӯстонаш дар асоси ҳуҷҷатҳо тасвир шудаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Симои аҳли адаб дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб ва тасвири чеҳраи муаллиф дар хотироти ҳамқаламон» унвон дошта, дар се фасли он симои адибони тоҷик дар осори ёддоштии Убайд Раҷаб ва чеҳраи Убайд Раҷаб дар ёддоштҳои аҳли илму адаб таҳқиқ шудаанд.

Фаслҳои якум ва дуюми боби сеюм ба таҳқиқи масоили марбут ба Мирзо Турсунзода, Абдусалом Деҳотӣ, Боқӣ Раҳимзода, Пӯлод Толис, Нуъмон Розиқ, Ҷумъа Одина, Ҳабибуллои Назар, Лоиқ Шералӣ ва дигарон, ки дар осори Убайд Раҷаб инъикос ёфтаанд, бахшида шудаанд. Бояд таъкид кард, ки рӯзгор ва шахсияти ин чеҳраҳо таваҷҷуҳи Убайд Раҷабро ҳанӯз қадамҳои аввали эҷодӣ ба худ ҷалб намудааст. Илова бар ин, иттилоъ ва назариёти Убайд Раҷаб оид ба мероси адабии онҳо қобили таваҷҷуҳ буда, аз ҷониби унвонҷӯ дар фасли ҷудогона баррасӣ гардидани ин масъала шоистаи таъкиду таҳсин аст.

**Хулосаи диссертатсияи** Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 15 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Ба назари мо, таснифи анвои наср дар адабиёти навини тоҷикиро наметавон зермавзуъ ва масоили пажуҳишии боби якуми диссертатсия донист. Илова бар ин, дар чаҳорчӯбаи як фасли рисола ба таҳқиқи ин масъала даст задан ва муваффақ гаштан аз доираи имконоти довталаби дараҷаи номзади илм берун аст.

2. Дар бахши дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ва бобу фаслҳои диссертатсия насабу номи муҳаққиқон ба шаклҳои гуногун зикр гардида, низоми муайян ба назар намерасад. Чунончи: Ҳамза Боқиев, Нурзод Н. (дисс. саҳ. 4) ва дар мавридҳои дигар бошад, Нуров Н., Нуралӣ Нурзод...

3. Дар диссертатсия ва автореферат ба ҷойи истилоҳи «услуб» истифодаи «сабк» беҳтар мебуд. Услуб бештар зимни таҳқиқи забоншиносӣ ба кор меравад, дар адабиётшиносӣ бошад, сабк маъмул аст. Ба ҳамин монанд ҳарчанд истифодаи мафҳуми «суннатгароӣ» мамнуъ нест, ба назари мо, корбурди «анъана» ба мақсад мувофиқ буда, фасли сеюми боби аввал «Анъана ва навпардозӣ дар ёддоштнависии муосири тоҷик» номгузорӣ мешуд, беҳтар мебуд.

4. Дар диссертатсия ва автореферат баъзан андешаҳои баҳсбарангез ва ғалат ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ногузир аст. Масалан, дар саҳифаи 5-уми диссертатсия қайд шудааст, ки «Адабиётшинос Фарҳод Ҳусейнзода ягона муҳаққиқи осори адабии шоир ба шумор рафта, ҷойгоҳи суханварро дар адабиёти кӯдакон муқаррар карда...». Ҳамин гуна андешаи ғалат ҳамаи корҳои илмӣ-таҳқиқии баъдан анҷомёфтаро инкор ва ботил мекунад. Илова бар ин, нодуруст ифода ёфтани матлаби муаллифро андешаҳои баъдии худи ӯ собит месозанд: «Дар соли 2018 бошад, аз ҷониби Ҳазратқулова Нафиса рисолаи номзадӣ дар мавзӯи (мавзуи – Б.И.) «Поэтикаи ашъори бачагонаи Убайд Раҷаб ба дифоъ расид, ки асосан баррасии ҷанбаҳои ҳунарии сурудаҳои барои кӯдакон эҷоднамудаи шоирро фаро мегирад» (диссертатсия, саҳ. 6).

5. Муаллиф дар оғози боби дуюм қайд менамояд, ки «Асарҳои ёддоштии Убайд Раҷаб аз назари сохтор бештар ба қиссаҳое шабоҳат доранд, ки дар таркиби онҳо ҳикоёти ҷудогонае ҷой гирифтаанд. Ин шеваи нигориши нависанда усули баён ва шеваи иншои қисса андар қиссаи классикиро ба хотир меоварад, ки дар тарҳи тоза эҷод шудааст».

Мутаассифона, дар кор ва рӯйхати адабиёт оид ба шеваи баён ва иншои қисса андар қисса истинод ва адабиёти зарурӣ аз муҳаққиқони ватанию хориҷӣ истифода нагардидааст.

6. Дар рӯйхати адабиёти диссертатсия баъзан нишон надодани замони нашри адабиёт ва мушаххасоти он (нашриёт, теъдоди саҳифа) (саҳ. 164) ва риоя нагардидани тартиби хронологӣ (дар мисоли таълифоти С. Улуғзода ва Х. Асозода) ба назар мерасанд.

7. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои услубӣ («Забони гуфтугӯйӣ яке аз воситаҳои муҳимми адиб дар эҷоди осораш мебошад» – дисс., саҳ. 60), имлоӣ (паҳлӯ, нумӯ – дисс., саҳ. 14; шӯравӣ – саҳ. 17, 21,22; ба хусус – саҳ. 26; истиқлол, истиқлолият – саҳ. 42) ва техникӣ ба назар мерасанд. Ҳамзамон, ҷо-ҷое ба шакли нодуруст истифода гардидани калимаю ибораҳои маъмулӣ ва истилоҳот мушоҳида мешавад. Чунончи: боби севум (боби сеюм), фаъолияти насрнависӣ (фаъолияти нависандагӣ), намунаҳои мухталиф (намунаҳои гуногун), анвоъи (анвои), забони тавсифӣ (сухани тавсифӣ)..., ки ислоҳи онҳо боиси афзудани ҳусну зиннати ин кори илмӣ-таҳқиқӣ мегардад.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар мавзуи «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**

номзади илми филология, муаллими калони
кафедраи назария ва адабиёти навини
форсии тоҷикии факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бобомаллаев И.Ҷ.
«12» апрели соли 2023.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Маяковский бинои 85/2, ҳуҷраи 10
Тел.: (+992) 555-05-15-50
E-mail: ilhom-b.89@mail.ru

Имзои Бобомаллаев Илҳомҷон
Ҷанобовичро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
«12» апрели соли 2023.